# ПРОТОКОЛИ №91

## маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.KOA-O11-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

2 июли соли 2025 ш. Душанбе

**Иштирок доранд:** аз 16 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04 феврали соли 2022, № 53/шд (инчунин аз 28 марти 2025 с., №122/шд) тасдиқ шудааст, 13 нафар, аз ҷумла 4 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисос ҳузур доранд. Кворум ҳаст, аз ин рӯ, мувофиқи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 № 267 (дар таҳрири қар. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023 №295) тасдиқ шудааст, Шурои диссертатсионӣ ҳуқуқ дорад ҷаласаро оғоз намояд. Пешниҳод шуд, ки ҷаласа оғоз карда шавад. Ягон таклифу пешниҳод ҳаст? Нест. Якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА

1. Ба ҳимоя тавсия додани кори диссертатсионии Афзалшоҳи Сафархон дар мавзуи «Амсиласозӣ ва сохтани технологияи автоматикунонии ҳисобкунии таҳлили NPS дар системаи бонкҳо бо мақсади оптимизатсияи тақсимоти захираҳои пулӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D070500 - Амсиласозии математикӣ ва компютерӣ: 6D070502 - Амсиласозии математикӣ, методҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо.

**Баромад намуд:** раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои физикаю математика, профессор, академики АМИТ М.Илолов ва раиси комиссияи экспертӣ, доктори илмҳои техникӣ Мирзоев С.Ҳ. (хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад) баромад намуданд.

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Афзалшоҳи Сафархон дар мавзуи «Амсиласозӣ ва сохтани технологияи автоматикунонии ҳисобкунии таҳлили NPS дар системаи бонкҳо бо мақсади оптимизатсияи тақсимоти захираҳои пулӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D070500 -

Амсиласозии математикӣ ва компютерӣ: 6D070502- Амсиласозии математикӣ, методҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо пешниҳод шудааст, барои ҳимоя тавсия дода шавад.

2. Ба сифати муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- **Начмиддиниён Асадулло Мирзо** – доктори илмҳои физикаю математика, дотсент, Вакили маҷлиси намояндагони Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- **Якубов Нурмаҳмад Сайдаҳмадович** – номзади илмҳои физикаю математика, дотсенти кафедраи математикаи олии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ.

3. Ба сифати муассисаи пешбар таъин карда шавад:

Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

4. Барои ҷойгирсозии эълони ҳимоя дар сомонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои нашр ва паҳн кардани автореферат дар ҳаҷми 100 адад иҷозат дода шавад.

6. Рӯзи ҳимоя 12 – уми сентябри соли 2025, соати 15:30 таъин карда шавад.

Қарор якдилона қабул шуд.

**Раиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-О11-и**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**доктори илмҳои физикаю математика,**
**профессор, академики АМИТ** **М. Илолов**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-О11-и**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**номзади илмҳои физикаю математика** **А.Б. Ғафоров**